# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, иттилотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро рушду тараққиёти мамлакат бевосита ба саъю талоши насли созандаву эҷодкор алоқаманд аст. Бинобар ин, ба тарбияи хонандагони болаёқат, соҳибмаърифату донишманд ва содиқи миллату Ватани хеш таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Аз муҳайё намудани заминаҳои ҳуқуқӣ сар карда, то маблағгузорӣ ва истифодаи воситаҳои самараноки баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ҳифзи саломатии кӯдакону наврасон, шароити зист ва таълиму тарбияи хонандагони болаёқат таҳти назорату ғамхории доимии Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қуватова Рафоат ҷанбаҳои педагогии муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои дақиқи барои хонандагони болаёқат дар шароити литсей мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти укаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳақиқ ҷанбаҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавзуъ ва объекти таҳкиқотро мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда шаҳодати онанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия усулҳои ташхиси лаёқатмандии хонандагон дар раванди таълим муайян карда, модели салоҳиятноки таълими фанҳои табиию риёзӣ барои хонандагони болаёқат дар литсей дар асоси равишҳои муосири таълим ва адабиёти илмию

методӣ тахия намудааст, ҳамзамон принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ барои дарсҳои асосӣ ва иловагӣ асоснок сохта, низоми самараноки баландбардории маҳорати касбии дохилимуассисавии омӯзгорони литсейро коркард ва дар амал табиқ намуда; имкониятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим зимни таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқатро илман асоснок кардааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки мафҳумҳои асосии таҳқиқотии «лаёқатмандӣ», «қобилият ва қобилиятҳои зеҳнӣ» инчунин «рушди лаёқатмандии хонандагон» ҳамчун тавсифи психологию педагогии шахсият ифода гардиданд, шароит ва имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагон дар шароити литсей зимни таълими фанҳои дақиқ муайян карда шуданд, усулҳои самаранок ва инноватсионии таълимӣ, ки дар таълими фанҳои дақиқ истифода мешаванд, ошкор шуданд, ки барои ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат мусоидат менамоянд, татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ аз ҷониби омӯзгорон аз лиҳози илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шудааст, ки малакаву маҳорати хонандагонро сайқал медиҳанд, таълими фанҳои дақиқ дар литсей дар дарсҳои асосӣ ва машғулияти иловагӣ тавассути модели ғанигардонӣ ва пурра намудани мазмуни таҳсилот таҳияву санҷида шуданд; низоми баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар шароити дохилимуассисавӣ бо дарназардошти ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ коркард карда шуданд.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферати диссертатсия собит мекунад, ки дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат муносибати босалоҳият нақши калидӣ доранд. Муаллифи диссертатсия кӯшишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо равшан намуда, барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ пешниҳодҳои ҷолиби диққат намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагони аз фанҳои дақиқ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳои дақиқ қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Қуватова Рафоатро кори илмии бaанҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
Литсей барои хонандагони болаёқат
дар шаҳри Душанбе Асҳобиддини Шералӣ

**Маълумот барои тамос:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, Кӯчаи Маяковский 27/1; Тел: +992 (93) 9999699; E-mail: asomnazarov@mail.ru.

*Имзои Асҳобиддини Шералиро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои МДТ ЛБХБ*
*шаҳри Душанбе* *Гулдарбоғова Ф.*

ШУЪБАИ КАДРҲО